«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор ________ Шарифзода М. М.
«_04_» ________01________ соли 2022

# ХУЛОСАИ

маҷлиси кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оид ба экспертизаи давраи якуми диссертатсияи Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷонович дар мавзӯи «Хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ (дар мисоли шаҳри Хуҷанд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)

Диссертатсия дар мавзӯи «Хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ (дар мисоли шаҳри Хуҷанд)» аз ҷониби Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷонович дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷонович 01 феврали соли 1981 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2002 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо тахассуси муҳандис-иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси системаҳои идоракунии автоматикунонидашуда бо дипломи аъло хатм намудааст.

Солҳои 2002-2003 ҳамчун омӯзгори фанни информатика ва технологияи компютерӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умии № 34 ноҳияи Бобоҷон Ғафуров фаъолият намудааст.

Солҳои 2004-2008 ҳамчун ассистенти кафедраи системаҳои ахборотӣ-ҳисоббарории (ҳоло технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт)-и Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Аз соли 2008 инҷониб дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ҳамчун муаллими калони кафедраи технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт фаъолият менамояд.

Аз соли 2017 то инҷониб унвонҷӯйи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ мебошад.

Мавзӯи диссертатсияи Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷонович дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишгоҳ аз 26 январи соли 2017, протоколи №5 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ: Шаропов Фарҳод Разоқович – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 5 (аъло), фанни таърихи фалсафаи илм бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва имтиҳон аз рӯйи ихтисос бо баҳои 4 (хуб) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон супорида шудаанд.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 25 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Аз рӯи натиҷаҳои экспертизаи диссертатсия дар мавзӯи «Хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ (дар мисоли шаҳри Хуҷанд)» хулосаи зерин бароварда шуд:

1. Мубрам будани мавзӯи диссертатсия

Рақамикунонии иқтисодиёт барои таъсиси модели нави рушди иқтисодӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, такон додан ба табодули намудҳои мавҷуда ва рушди намудҳои нави истеҳсолот, таҳкими тамоюли содиротӣ ва ҳамзамон қонеъ гардонидани талаботи дохилӣ бо роҳи воридотивазкунӣ имконият фароҳам меорад.

Бояд қайд кард, ки раванди рақамикунонӣ соҳаи савдоро низ фаро гирифтааст. Савдои чаканаи муосирро бе технологияҳои рақамӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Соҳаи савдои чакана яке аз соҳаҳоест, ки ба навгониҳои гуногун мутобиқшаванда аст. Сол то сол рақамикунонӣ суръати навро соҳиб шуда истодааст. Дар шароити муосир субъектҳои савдои чаканаро зарур аст, ки вазифаҳои дигарро низ барои истифодабарии имкониятҳо ва дурнамоҳои нави дар пеши онҳо истода, ҳал кунанд. Ҳангоми сариваќт ва дуруст қабул намудани ҳолат дар бозори муосири савдои чакана, дар баъзе аз субъектҳо бартарият дар назди рақибонашон пайдо мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки баъзе масоили назариявӣ ва амалии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ ба таҳқиқоти алоҳида ниёз доранд. Маҳз, омӯзиши нокифояи мазмуни иқтисодию иҷтимоӣ ва нақши савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ, инчунин аҳамияти баланди иҷтимоии он дар қонеъ гардонидани тақозои аҳолӣ бо молу хизматрасонӣ

интихоби мавзӯи диссертатсия, объект ва предмети таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои онро муайян намуданд.

Бо дарназардошти муқаррароти зикршуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро мубрам арзёбӣ меёбад.

2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия

Диссертатсияи Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷонович дар мавзӯи «Хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ (дар мисоли шаҳри Хуҷанд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

3. Алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ

Мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла ба масъалаҳои гузариши соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ ба технологияҳои инноватсионию рақамӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 робита дорад.

Ҳамчунин мавзӯи таҳқиқот дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 аз рӯйи мавзӯи "Технологияҳои рақамӣ: хусусиятҳо ва дурнамои татбиқи он дар соҳаҳо" (0121 TJ 1250 аз 21.06.2021), ки дар Муассисаи давлатии "Маркази миллии патенту иттилоот"-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, иҷро гардидааст.

4. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 24 кори илмӣ, аз он ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:

*А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:*

[1-М]. Савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд: вазъ ва дурнамои он [Матн] / Лутфулоев М.Д. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе.- 2021. - №4 (38). – С. 188-194.

[2-М]. Омилҳое, ки ба рушди савдои чакана дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ таъсир мерасонанд [Матн] / Лутфулоев М.Д. // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – Душанбе.- 2021. - №2 (45). – С. 208-215.

[3-М]. Ташаккули дурнамои рушди савдои чаканаи шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд [Матн] / Шаропов Ф.Р., Лутфулоев М.Д., Амонов С.С. // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. – Хуҷанд.- 2021. - №1 (86). – С. 89-95.

[4-М]. Ташаккул ва рушди технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана [Матн] / Шаропов Ф.Р., Лутфулоев М.Д., Кабутов Қ.М., Амонов С.С. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе.- 2021. - №1 (35). – С. 99-109.

[5-М]. Таъсири технологияҳои рақамӣ ба рафтори истеъмолгарони савдои чакана [Матн] / Шаропов Ф.Р., Лутфулоев М.Д. // Номаи донишгоҳи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Силсилаи фанҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – Хуҷанд. - 2020. №4 (55). - С.119-123.

[6-М]. Зарурати татбиқи технологияҳои рақамӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои савдои чакана [Матн] / Лутфулоев М.Д. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе.- 2020. - №4/1 (33). – С. 170-174.

[7-М]. Иқтисоди рақамӣ: ҳолат ва дурнамои рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]/ Лутфулоев М.Д., Исмоилов Ш.М., Хӯҷамқулов Р.Б. // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар. - 2020. №1-4(80), қисми 2. - С. 211-215.

[8-М]. Перспективы развития цифровой экономики в условиях Республики Таджикистан [Текст]/ Исмоилов Ш.М., Худжамкулов Р.Б., Лутфулоев М.Д. / Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ, Хуҷанд.-2020. №3 (84). - С.41-47.

*Б) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯи маводҳои конференсия:*

[9-М]. Самтҳои асосии рушд дар савдои чаканаи рақамӣ / Лутфулоев М.Д. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ: роҳҳои татбиқи натиҷаҳои онҳо дар истеҳсолот", Хуҷанд, 2-юми марти 2021. – Хуҷанд, ДИС ДДТТ. – 2021.-. С. 310-313.

[10-М]. The impact of digital technology on consumer behavior in retail trade / Лутфулоев М.Д. // Маводи конференсияи байналмилаллии 11th International Conference «Science and practice: a new level of integration in the modern world», Sheffield, November 30, 2020. - Sheffield,UK Conference Proceedings. - 2020. - С.128-132.

[11-М]. Хусусиятҳои хизматрасониҳои савдо дар шароити иқтисоди рақамӣ / Лутфулоев М.Д. // Маводи конференсияи анъанавии илмӣ-амалии донишгоҳӣ таҳти унвони "Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ", Хуҷанд, 22-25 апрели 2020. – Хуҷанд, ДДҲБСТ. - 2020. - С.106-110.

[12-М]. Татбиқи WEB-технологияҳо дар раванди рекламаи молу маҳсулот / Лутфулоев М.Д. // Маводи конференсияи анъанавии илмӣ-амалии донишгоҳӣ таҳти унвони "Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ", Хуҷанд, 22-25 апрели 2020. – Хуҷанд, ДДҲБСТ. - 2020. - С.18-22.

[13-М]. Савдои чакана дар иқтисоди рақамӣ / Лутфулоев М.Д., Турсунова С. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байнидонишгоҳии "Системаҳои иттилоотӣ: муаммоҳо ва дурнамои рушд", Хуҷанд, 3-юми апрели соли 2020.– Хуҷанд, ДДҲБСТ. – 2020. - С.188-192.

[14-М]. Имкониятҳо ва талаботҳои технологияҳои инқилоби чоруми саноатӣ барои рушди савдои чакана / Лутфулоев М.Д., Турсунова С. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байнидонишгоҳии "Системаҳои иттилоотӣ: муаммоҳо ва дурнамои рушд", Хуҷанд, 3-юми апрели соли 2020. – Хуҷанд, ДДҲБСТ. – 2020. - С.188-192.

[15-М]. The digital economy in retail / Лутфулоев М.Д. // Маводи конференсияи байналмилаллии 9th International conference on SCIENCE AND PRACTICE: A NEW LEVEL OF INTEGRATION IN THE MODERN WORLD, Sheffield, November 10, 2019. - Sheffield, UK. - С.133-136.

[16-М]. Цифровая экономика в сфере розничной торговли (бо забони русӣ) / Лутфулоев М.Д. // Маводи конференсияи вилоятии илмию амалӣ таҳти унвони "Саноатикунони босуръат: таърих ва замони муосир", Хуҷанд,

1-уми ноябри соли 2019. - Хуҷанд, МДТ ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров. - 2019. - С.145-147.

[17-М]. Проблемы организационно-экономических аспектов в сфере услуг (бо забони русӣ) / Лутфулоев М.Д // Маводи конференсияи илмӣ-амалии профессорон, омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ таҳти унвони "Илм ва инноватсия бахри иҷрои ҳадафҳои миллӣ", Хуҷанд, . - Хуҷанд, ДДҲБСТ. - 2019. - С.124-127

[18-М]. Место и роль формирования рыночных взаимодействий в сфере услуг с ШОС и ЕС в развитии экономики Республики Таджикистан (бо забони русӣ) / Қурбоналиев А.Ҳ., Лутфуллоев М.Д. // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони "Рушди соҳибкорӣ дар замони муосир: муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли он", Хуҷанд, 18-19 октябри 2018.- Хуҷанд, ДДҲБСТ. – 2018. - С.57-62.

[19-М]. Институциональные основы организационно-экономических форм взаимодействия в сфере услуг Республики Таджикистан (бо забони русӣ) / Лутфулоев М.Д., Баҳовудинов Ҷ.Ҳ. // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони East European Scientific Journal, (Warsaw, Poland), #12 (40), 2018 part 3. – Варшава, Полша. – 2018. - С.41-46.

[20-М]. Нақши WEB–технологияҳо дар рушди соҳаи сайёҳии ҷумҳурӣ / Лутфуллоев М.Д., Эргашев А. // Маводи конференсияи илмӣ-методии ҳайати устодону магистрантон ва донишҷӯён таҳти унвони "Системаҳои иттилоотӣ: муаммоҳо ва дурнамои рушд" бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, Хуҷанд, 19 апрели 2018. – Хуҷанд. - 2018. - С.259-263.

[21-М]. Этапы развития организационных–экономических форм взаимодействия в сфере торгово-посреднических услуг в мировой экономике (бо забони русӣ) / Лутфулоев М.Д., Қосимова Д.И. // Маводи конференсияи илмӣ-методии ҳайати устодону магистрантон ва донишҷӯён таҳти унвони "Системаҳои иттилоотӣ: муаммоҳо ва дурнамои рушд" бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, Хуҷанд, 19 апрели 2018. – Хуҷанд, ДДҲБСТ. – 2018. - С.120-127.

[22-М]. Организация экономической формы взаимодействия в сфере услуг (бо забони русӣ) / Исмаилов М.М., Лутфуллоев М.Д., Сатторов И.А. // Маводи конференсияи илмии байналмиллалӣ таҳти унвони «Экономика и Юриспруденция: Теория и практика», Санкт-Петербург, Российская Федерация, Феврал. – Санкт-Петербург, Российская Федерация. - 2017. - С.87-94.

[23-М]. Роль и значение Шанхайской организации сотрудничества при стабилизации экономики Республики Таджикистан (бо забони русӣ) /

Лутфуллоев М.Д., Курбоналиев А.Ҳ. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ДДҲБСТ таҳти унвони Раҳоварди тадқиқ, Хуҷанд, 26 апрели 2017. – Хуҷанд, ДДҲБСТ. - 2017, - С.310-313.

[24-М]. Основные организационно-экономические формы взаимодействия в сфере услуг в мировой экономике (бо забони русӣ) / Лутфуллоев М.Д., Исмоилов М.М. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии олимони ҷавони вилояти Суғд, таҳти унвони "Иҷлосияи тақдирсоз ва ташаккулёбии давлати миллӣ", Хуҷанд, 13 ноябри 2017. – Хуҷанд. -2017,. - С.102-107.

5. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо

Натиҷаҳои асосии назариявии диссертатсия дар мавзӯи «Хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ (дар мисоли шаҳри Хуҷанд)» дар ҷараёни таълими Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон истифода шудааст, ки бо санади татбиқ тасдиқ мегардад.

Ҳамчунин натиҷаҳои илмию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар фаъолияти мақомоти идоракунии давлатии танзими бозори истеъмолӣ ва савдои чакана ва субъектҳои алоҳидаи савдои чакана метавон истифода бурд.

6. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ

Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, дар бурда расонидани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳоро барои такмил ва рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд дар шароити иқтисоди рақамӣ имконпазир мегардонад, зоҳир мегардад.

Қарори ҷаласаи кафедра

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷонович дар мавзӯи "Хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ (дар мисоли шаҳри Хуҷанд)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ); тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шаропов Ф.Р.; баромади номзадҳои илмҳои иқтисодӣ, дотсентон Зокирова Ш.М., Ҷӯраев Ф. ва Хуҷамқулов Р.Б. маҷлиси кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақа дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷонович

*қарор мекунад:*

1. Диссертатсияи Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷонович дар мавзӯи "Хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ (дар мисоли шаҳри Хуҷанд)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) ҷавобгӯ ба талаботи муқарраргардида арзёбӣ мегардад ва ба экспертизаи марҳилаи навбатӣ пешниҳод карда мешавад.

2. Ба Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷонович нусхаи протокол ва хулосаи маҷлиси кафедра дар бораи дуруст ба расмият даровардa шудани дссертатсия ва пешниҳоди он ба экспертизаи давраи навбатӣ дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 17 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

| | |
|---|---|
| тарафдор | - 17 нафар |
| зид | - нест |
| бетараф | - нест |

Хулоса дар маҷлиси кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2021, протоколи № 4 қабул шудааст.

Раиси маҷлис
Мудири кафедраи иқтисодиёти
корхонаҳо ва минтақа, н.и.и., дотсент Қаюмов Ф.Ғ.

Котиби маҷлис Ғафурова Ф.В.

Суроға:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
маҳаллаи 17, хонаи 1, ДДҲБСТ,
тел: +992 (3422) 2 38 11
www.tsulbp.tj